**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. тел: (992 37) 221-82-64, факс: 221-16-28. E-mail: Kishovarz_2008@mail.ru

№ 1/7-485

Аз «21» 02 соли 2012

Ба №

**Ба Вазири молияи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Роҳбари Комиссия оид ба таҳияи**
**лоиҳаи Кодекси андози**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар таҳрири нав**
**мӯҳтарам Наҷмиддинов С.М.**

Ба №3/3
аз 8 феврали с. 2012

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дархости Шумо лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири навро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки қаблан пешниҳодҳои Вазорати кишоварзӣ барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба таҳияи лоиҳаи нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби №1/7-2196 аз 23.09.2011 ба унвонии раиси Комиссия ирсол карда шудааст, ки мутаасифона дар лоиҳаи нави Кодекс пешниҳодҳои соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби Комиссия оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба инобат гирифта нашудааст.

Ҳаминро қайд намудан ба маврид аст, ки 73%-и аҳолии мамлакат дар деҳот умр ба сар бурда 70% аҳолии кишвар ба кишоварзӣ шуғл меварзад ва зарурияти омода намудани лоиҳаи нави Кодекси андоз аз вохӯриҳои Президенти мамлакат Ҷаноби олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксари шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо дархости хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои паррандапарварӣ ва умуман корхонаҳои истеҳсолии кишоварзӣ пеш омада буд, локин чӣ тавре ки аз лоиҳаи Кодекси нави андози омода карда шуда бармеояд ақалан як пешниҳоди кишоварзон ба инобат гирифта нашудааст ин маънои онро дорад, ки 70% аҳолии ҷумҳурӣ, ки дар соҳа шуғл меварзад ва кишвар мамлакати аграрӣ мебошад ва зарурияти омода сохтани лоиҳаи Кодекси нави андоз бо дархости онҳо омода шуда истодааст ба инобат гирифта нашудааст.

Аз ин лиҳоз, вазорат такроран тағйироту иловаҳои худро барои ворид намудан ба лоиҳаи нави Кодекси андоз дар таҳрири нав пешниҳод менамояд:

**Ба моддаи 178,** банди 4, зербанди 5.

**– озод намудан аз андози арзиши иловашуда (ААИ) ҳангоми ворид намудани тухмии зироатҳои кишоварзӣ, чорво, парранда, моҳӣ ва занбӯри асали зотӣ, нутфа, ҷанин, тухми инкубатсионӣ, таҷҳизотҳои бордоркунии сунъӣ ва технологияи соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ, нуриҳои минералӣ, пестисидҳо, таҷҳизот, техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётии он, инчунин саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;**

Эҳтиёҷоти солонаи хоҷагиҳо ба нуриҳои минералӣ барои кишти зироатҳои кишоварзӣ, азотӣ-252,7 ҳазор тонна, аз он ҷумла пахта 104,6 ҳазор тонна, фосфорӣ – 225,5 ҳазор тонна, аз он ҷумла пахта 115,1 ҳазор тонна, калийгӣ -50 ҳазор тонна, аз он пахта 14,6 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки бо сабаби гаронии нарх хоҷагиҳои ҷумҳурӣ дар соли 2011 ҳамагӣ 25020 тонна ё ин, ки 5% бо нуриҳои минералӣ, аз он ҷумла азотӣ-22082 тонна (87%), аз ҷумла пахта 15500 тонна, фосфорӣ-1933 тонна (1%), аз он пахта 1350 тонна, калийгӣ-1006 (2%), аз он пахта 700 тонна таъмин гардидааст халос.

Маълумот оид ба воридоти нуриҳои минералӣ то 1 январи соли 2012 ва арзиши он бо дарназардошти ААИ ва боҷи гумрукӣ

| | воҳиди ченак | Ҳамагӣ воридоти нуриҳо дар соли 2011 | аз ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | азотӣ | фосфорӣ | калийгӣ |
| **Дар ҷумҳурӣ** | **тонна** | **25 020** | **22 082** | **1 933** | **1 006** |
| Нархи хариди 1 тонна нурӣ бо дарназардошти андозҳо | сомонӣ | х | 3 100 | 3 320 | 3 100 |
| Арзиши умумии нуриҳо | сомонӣ | 77 987 482 | 68 452 650 | 6 416 232 | 3 118 600 |
| ААИ, 18% | сомонӣ | 14 037 747 | 12 321 477 | 1 154 922 | 561 348 |
| Боҷи гумрукӣ 5% | сомонӣ | 3 899 374 | 3 422 633 | 320 811 | 155 930 |
| Хизматрасонии гумрукӣ, 0,15% | сомонӣ | 116 981 | 102 679 | 9 624 | 4 678 |
| **Ҳамагӣ** | **сомонӣ** | **18 054 102** | **15 846 789** | **1 485 358** | **721 956** |
| | **Бо долл. ИМА** | **3 738 530** | **3 280 909** | **307 527** | **150 094** |

Албатта дар ҳолати риоя нагардидани тадбири агротехникӣ, яъне пурра таъмин нашудани хоҷагиҳо бо нуриҳо ба иқтисодиёт зарари калон меоварад. Масалан зарари иқтисодие, ки аз парвариши пахта, ки яке аз манбаи асосии даромади арзи хориҷӣ мебошад ба амал омада истодааст.

Илман асоснок шудааст, ки дар ҳолати риояи агротехникаи парвариши пахта, яъне аз рӯи меъёр андохтани нуриҳои минералӣ ба 1 гектар: азотӣ – 500, фосфорӣ – 550 ва калийгӣ – 70 кг/га то 30-40 с/га ҳосил ба даст овардан мумкин аст. Аммо бо сабаби пурра таъмин нагаштан бо меъёри талаботи нуриҳои минералӣ ва риояи агротехникаи он, хоҷагиҳо аз 15 то 20 с/га ҳосил ба даст оварда истодаанд, ки дар бисёр ҳолат хароҷотҳоро пӯшонида наметавонанд ва он боиси муфлисшавии аксар хоҷагиҳо гашта истодааст.

1. Ҳосилнокӣ 35 с/га;
   Истеҳсоли пахта (200 ҳаз. гектар х 35 с/га) = 700 ҳаз. тонна;
   Нахи пахта (700 ҳаз. тонна х 33%:100) = 231 ҳаз. тонна;
   Содироти нах (231 ҳаз. тонна х 70% :100) = 161,7 ҳаз. тонна;
   Маблағ аз фурӯш (161,7 ҳаз. тонна х 1718 долл. ИМА) = 277,8 млн. долл. ИМА;
   Андоз аз фурӯш (277,8 х 10% :100) = **27,8 млн. долл. ИМА ба буҷаи ҷумҳурӣ;**

2. Ҳосилнокӣ 20 с/га;
   Истеҳсоли пахта (200 ҳаз. гектар х 20 с/га) = 400 ҳаз. тонн;
   Нахи пахта (400 ҳаз. тонна х 33% :100) = 132 ҳаз. тонна;
   Содироти нах (132 ҳаз. тонна х 70% :100) = 92,4 ҳаз. тонна;
   Маблағ аз фурӯш (92,4 ҳаз. тонна х 1718 долл. ИМА) = 158,7 млн долл. ИМА;
   Андоз аз фурӯш (158,7 млн. долл. ИМА х 10% :100) = **15,9 долл. ИМА ба буҷаи ҷумҳурӣ дохил мешавад;**

**Хулоса:**

Дар сурати воридоти нуриҳои минералӣ ба ҷумҳурӣ зиёд гардидан, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (пахта) меафзояд. Яъне бо гирифтани ҳосилнокии 35 с/га дар сурати масоҳати умумии пахтазор 200 ҳазор гектар будан ба мо имконият фароҳам мегардад, ки ба буҷаи ҷумҳурӣ 11,9 млн. долл. ИМА **(27,8 млн. долл. ИМА (ҳосилнокӣ 35с/га) – 15,9 млн. долл. ИМА (ҳосилнокӣ 20 с/га)** маблағҳои иловагӣ ворид намуда, дар баробари ин андози арзиши иловашуда (ААИ) -18% ва боҷи гумрукӣ-5%, дар маҷмӯъ 3 738 530 долл. ИМА, ки аз ҳисоби озод намудани воридоти нуриҳои минералӣ аз даст дода, ба буҷаи ҷумҳурӣ 3 маротиба зиёд фоида ворид мешавад.

Ҳангоми озод намудани воридоти чорвои зотӣ парранда, моҳӣ, занбӯри асал ва дигар таҷҳизот ва технологияи соҳаи чорводорӣ, паррандапарварӣ арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолгардида то 13-15% паст гардида, барои беҳтаршавии саршумори чорвои хоҷагиҳо ва аҳолӣ замина гузошта, ҷиҳати паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Масалан, корхонаи паррандапарварӣ ЧДММ «Тарз»-и шаҳри Ваҳдат дар моҳҳои апрел-майи соли ҷорӣ барои аз нав таҷҳизонидани корхона аз Ҷумҳурии Украина ба маблағи 308 ҳазор доллари ИМА таҷҳизот харидорӣ намуданд, ки пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ 75 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод.

Дар сурати озод будан аз пардохти андоз корхонаи зикргардида метавонист 75 ҳазор доллари ИМА-ро барои харидории чӯҷа аз Федератсияи Россия сарф намояд. Ба ҳисоби миёна бо нархи амалкунандаи як чӯҷа 1,5 доллари ИМА будан, корхона метавонист 50 ҳазор сар (75000 : 1,5) чӯҷаи якрӯза ба корхона ворид намояд:

1. Воридоти чӯҷаи якрӯза -50000 сар
2. Талафот дар давоми сол 3% -1500сар
3. Саршумори мурғони тухмдеҳ 50000 - 1500=48500 сар
4. Истеҳсоли тухм дар ҳолати 70% будани тухмгирӣ
   48500 х 7моҳ х 30 рӯз х 70 % : 100 = 7129500
5. Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда
   7129500 х 0,135 доллар) = 962483 доллар
6. Хароҷотҳо барои нигоҳдорӣ дар давоми сол 614065
7. Аз ҳисоби андоз ба буҷаи ҷумҳурӣ - 142658 доллар

Фоидаи софи корхона: **962483-614065-142658=205760 доллар**

Аз ҳисоби напардохтани андоз аз арзиши иловашуда барои ворид намудани як таҷҳизот ба маблағи 75 ҳазор доллар, 48500 сар парранда, 7129500 дона тухм истеҳсол шуда, зиёда аз 30 нафар соҳиби ҷойи кор мешаванд ва ба буҷаи мамлакат 142628 доллар даромад мешавад, ки (142658-75000) = 67658 доллар зиёд аст.

Ба амалиётҳои лизингие, ки бо расонидани таҷҳизот барои истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд мебошанд, андозбандии имтиёзнок муайян гардад;

Фаъолияти КВДҶ «Тоҷикагролизинг» нишон дод, ки механизми иҷораи молиявӣ шояд аз сабаби муносибатҳои навгонӣ ҳанӯз ба таври мукаммал дар ҷумҳурӣ ҷорӣ нагардидааст. Масалан дар вақти ба лизинг додани мол ба арзиши мол фақат подоши лизингӣ, ки аз андози арзиши иловашуда (ААИ) озоданд, илова карда мешавад. Вале аз арзиши мол бе назардошти подош ААИ ситонида мешавад.

Мисол: корхона трактор ворид намояд андоз ва боҷи гумрукӣ намесупорад. Вале баъди ба лизингиранда додани трактор 18% аз нархи он бояд ААИ супорад, ки дар маҷмӯъ нархи техника меафзояд. Барои пардохтани ин андоз лизингдиҳанда маҷбур аст, ки ба арзиши мол ААИ-ро (аз сабаби маълум набудани арзиши иловашуда, андоз аз арзиши мол гирифта шавад) илова намояд ва пардохти он ба дӯши деҳқон (лизингиранда) меафтад.

Барои татбиқи афзалиятноки механизми лизингӣ, озод намудани амалиётҳои лизингии таҷҳизот, техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ

аз ААИ зарур аст, чунки он қобилияти харидории кишоварзонро таъмин намуда, ба рушди муносибатҳои лизингӣ дар соҳаи механиконии кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад мебошад, ки агар фоизҳои дар боло зикршуда бекор карда шаванд, ин ба як қадар пастшавии нархи маводҳо таъсири мусбӣ мерасонад, ки дар натиҷа ҳавасмандии ҳам соҳибкор ва деҳқононро афзун намуда, ба зиёдшавии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд;

**Ба моддаи 222.**

**– ҳаҷми умумии солонаи андоз бо назардошти категорияи заминҳо ва давраи истифодаи онҳо муайян гардад.**

Бо дарназардошти шумораи умумии аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҷумҳурӣ (511,2 ҳаз.нафар), маблағи солонаи он 92016 ҳаз.сомониро (511,2 x 15 сомонӣ x 12 моҳ) ташкил медиҳад. Вобаста ба давраи истифодабарии заминҳо (обиёришаванда -9 моҳ, лалмӣ -7 ва чарогоҳ- 6 моҳ) ва ба кор банд будани аъзоён дар ин заминҳо (обиёришаванда- 357,8, лалмӣ -127,8 ва чарогоҳ- 25,6 ҳаз. нафар) маблағи андози иҷтимоӣ мутаносибан 48303,0, 13419,0, 2304,0 ҳаз. сомониро ташкил дода, дар маҷмӯъ ба 64026,0 ҳазор сомонӣ (9 моҳ x 15 сом x 357,8 + 7 моҳ x 15 x 127,8 + 6 x 15 x 25,6) баробар буда, ба 1 аъзо – 125,25 сомонӣ рост меояд.

Фарқияти андоз бо чунин назардошт 54,75 сомониро (180 (15x12)-125,25) дар бар мегирад, ки дар чунин шароити музди меҳнати ночиз ва сатҳи пасти зиндагӣ, нисбати аъзоёни хоҷагӣ ҳамчун як дастгирӣ маҳсуб гардида, онҳоро баҳри беҳтар фаъолият намудан ва меҳнати садоқатмандона ҳавасманд менамояд.

Эзоҳ: Нисбати хоҷагиҳои деҳқонии дар заминҳои лалмӣ фаъолияткунанда ба мӯҳлати 7 моҳ ба андози иҷтимоӣ андозбандӣ гардидани онҳо тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009 таҳти №656 тасдиқ гардидааст.

Тибқи тартиботи амалкунанда андози ягона бо минтақаҳои ҷумҳурӣ гурӯҳбандӣ шудааст.

Хуб мешуд, ки андоз бо назардошти категорияи заминҳо муайян карда шавад. Чунки дар ҳар як минтақа (ноҳия) махсусан дар заминҳои обӣ якчанд категорияи заминҳо вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо якхел андозбандӣ карда мешаванд. Агар аз рӯи категория андозбандӣ шавад ба мақсад мувофиқ буда, ҳавасмандии деҳқон афзун мешавад.

**Ба моддаи 268, банди 1, зербанди 1.**

**– меъёри андози 10 фоиз то ба 5 фоиз кам карда шавад.**

Дар сурати истеҳсоли 400 ҳазор тонна пахта x 32,5% (нах) : 100 = 130000 тонна x 1718 $ = 223,3 млн. $ x 10/5 : 100 = 22,33/11,17

млн. $ х 4,83 сомонӣ = 107,8/**53,9 млн. сомонӣ** мешавад. Дар ҳолати ба соҳаи пахтакорӣ додани имтиёз ба маблағи **53,9 млн. сомонӣ**, онҳо бо ин маблағ метавонанд, ки музди меҳнати кормандонро зиёд *намоянд, дигар* маҳсулотҳои кишоварзӣ истеҳсол кунанд, сеххои хурди коркард кушоянд, ки дар натиҷа пардохти иловагии андоз аз фурӯши чакана ва дигар намуди андозҳо ба миён меояд. Яъне дар ҳолати ба андозаи 5 фоиз кам кардани меъёри андози зикргардида соҳа метавонад ба буҷети давлат дигар намуди андозҳоро пардохт намояд. Дар ин ҳолат буҷаи давлат зарар не, балки фоида мебинад.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ ба ҷои 5461 тракторҳои нармкунанда 1894 (34,7%) ба ҷои 7170 тракторҳои шудгоркунанда 1803 (25,1%) дар ҳолати корӣ мебошанду халос. Ҳамин тариқа тракторҳои нақлиётӣ 51,9, ядакҳои тракторӣ 38, култиваторҳо 50 ва мошинаҳои пахтачини 10%-и талаботро ташкил медиҳанд. Арзиши ҳар як агрегат аз 25 то 95 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аксар хоҷагиҳои деҳқонӣ имконияти харидории ин техникаҳоро надорад.

Аз ин лиҳоз маблағи сарфае, ки аз ҳисоби кам кардани 5 фоизи андози фурӯш ба даст меояд барои харидории агрегату таҷҳизотҳои дар боло зикркардашуда равона сохта мешаванд.

**Ба моддаи 273. Объекти андозбандӣ.**

Азбаски моддаи мазкур меъёри андозро аз рӯи тавоноии муҳаррики воситаҳои нақлиёт муайян менамояд ва ядаку нимядак муҳаррик надошта, онҳо тавассути воситаҳои нақлиётии муҳаррикдор истифода бурда мешаванд, мувофиқи мантиқ нест, ки ба ин воситаҳои нақлиётӣ сарбори ба намуди андоз зам карда шавад.

Инчунин, қариб дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ норасоии зиёди тракторҳо ва мошинҳои худгард ҷой дорад, ки солҳои охир сабабгори сади роҳи пешрафти истеҳсолот ва афзунгардонии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворию ниёзи аввалаи мардум гардида истодааст. Ҷорӣ намудани андоз аз тавоноии тракторҳо, мошинҳои худгард ва ядаку нимядакҳои тракторӣ ва дар баробари ин зиёд намудани меъёри иҷозатномадиҳӣ (патенту литсензия ва ғайра) метавонад ба коҳишёбии парки бе ин ҳам ками чунин воситаҳои нақлиёт дар ҷумҳурӣ оварда, сабабгори минбаъд пастшавии истеҳсолот гардад.

1. Аз ин рӯ, аз банди 1 моддаи 273 калимаҳои **«мошинҳои худгард ва механизмҳо», «ядакҳо, нимядакҳо»** хориҷ карда шуда, баъд аз калимаҳои **«гурӯҳҳои 86-89»** калимаҳои **«ба ғайр аз гурӯҳи 8701»** илова карда шавад.

2. Дар банди 2 моддаи 273 калимаҳои **«Нозироти давлатӣ оид ба техникаҳои…»** ба калимаҳои **«Бозрасии назорати давлатии техникаи…»** иваз карда шавад.

3. Банди 2 моддаи 274 хориҷ карда шавад.

**Ба моддаи 275.**

4. Аз ҷадвали меъёрҳои андоз калимаҳои **«Тракторҳо ва комбайнҳои дар соҳаи хоҷагии қишлоқ истифодашаванда -2 фоиз»** хориҷ карда шаванд.

Ҳамзамон, чӣ тавре, ки маълум аст, дар ҳама манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон хатҳои роҳи оҳан ва ҳавои мавҷуд нест ва ҳама гуна борҳо ва мусофирон тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар давоми сол, ки аз онҳо танҳо 60-70 % коршоям мебошанд, истифода бурда мешаванд.

Бинобар ин, зарур мешуморем, ки меъёри андоз барои **автомобилҳои сабукрав, фургонҳои боркаш ва пикапҳои дар базаи автомобилҳои сабукрав истифодашаванда дар ҳаҷми-5%, автобусҳо вобаста ба ҷои нишаст мутаносибан-6,7,8 ва 9%** аз нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳо муқаррар карда шаванд.

5. **Банди 2 моддаи 275** хориҷ карда шавад.

**Ба моддаи 289, банди 4.**

**– ба муддати 10 сол озод намудан аз андози кишоварзӣ барои заминҳои нав обёришуда аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ;**

**Ба моддаи 289, банди 9.**

**– аз ҳама намудҳои андоз озод намудани фаъолияти сохтмонӣ барои аз худ намудани заминҳои нави обёришаванда;**

**Ба моддаи 289, банди 9.**

**– 50% кам кардани андоз барои ҷорӣ кардани технологияи сарфа намудани об;**

**Ба моддаи 289, банди 9.**

**– аз андози арзиши иловашуда озод намудани музди барқ ва хизмати обрасонӣ дар мавзеъҳои обёрии мошинӣ, ки баландии оббарориашон аз 90 метр зиёд аст;**

**Ба моддаи 293.**

**– банди 3 бо чунин мазмун илова карда шавад “масоҳати объектҳои ғайриманқули дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ воқеъ буда ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраргардида муайян карда шавад”;**

Аксарияти объектҳои ғайриманқули дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ қарор дошта кӯҳнаю фарсуда ва корношоям шудаанд. Дар ҳолати муқарраргардидани имтиёз онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки объектҳои наву замонавӣ сохта ба истифода диҳанд, ки ин баҳри рушди соҳа муҳим буда, таккони ҷиддӣ медиҳад.

Ба моддаи 314.

– **озод кардани хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ аз андози ягона;**

Дар ҷумҳурӣ 49 адад хоҷагиҳои тухмипарварӣ фаъолият менамоянд, ки аз он 30 хоҷагӣ ба истеҳсоли пахтаи тухмӣ машғул мебошанд.

Масоҳати заминҳои обии хоҷагиҳои тухмипарварӣ 37495 гектарро ташкил медиҳад (пахта 17931 га х 82,82 сомонӣ-1 млн. 485 ҳазор сомонӣ ва дигар зироатҳо -19564 га х 136,48 сомонӣ =2 млн. 670,1 ҳазор сомонӣ), ки бо ҳисоби андози ягона 4 млн. 155,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Аз масоҳати 25766 гектар тухмии истеҳсолшуда, 17931 гектар ба истеҳсоли пахтаи тухмӣ машғул мебошанд, ки ин хоҷагиҳо андози ягонаи 50 фоиза месупоранд, яъне 82,82 сомонӣ. Аз ин лиҳоз андози ягонаи истеҳсолкунандагони пахтаи тухмӣ ба 1 млн. 485 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Боқимонда дар масоҳати 7835 гектар ба истеҳсоли дигар намуди тухмиҳо вобаста буда, андози ягона аз рӯи 136,48 сомонӣ ба 1 гектар 1 млн. 069,3 ҳазор сомониро ташкил мекунад.

Ҷамъи андози ягонаи замин аз масоҳати тухмии истеҳсолшуда 2 млн. 554,3 ҳазор сомониро (1 млн. 485 ҳазор + 1 млн. 069,3 ҳазор) ташкил медиҳад.

Мисол: ҳамагӣ хароҷот барои истеҳсоли пахтаи тухмӣ дар 1 га 9247,51 сомонӣ бо ҳосилнокии 25 сентнерро ташкил медиҳад, ки арзиши аслии он бо дарназардошти андози ягона 369,90 сомонӣ рост меояд. Ҳангоми озод намудани хоҷагиҳои тухмипарвар аз андози ягона арзиши аслии тухмии истеҳсолшуда 366,59 (9247,51 – 82,82 : 25 сентнер) сомонӣ рост омада дар ин маврид арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 3,31 сомонӣ арзонтар мешавад;

Ҳамин тавр аз ҳисоби фурӯши пахта 179310 (17931 га х 2,5 тонна х 4000 с), ғалладона -45270 (5030х 3,0 тонна х 3000 с), картошка -115500 (1500 га х 22,0 тонна х 3500с), сабзавот -65250 (1305 га х 25 тонна х 2000с) ҳазор сомонӣ фоида ба даст меояд.

Ба буҷаи ҷумҳурӣ бошад аз ҳисоби дигар манбаъҳо ба монанди андоз аз фурӯши чакана, дар ҳаҷми 3% нархҳои озод (бозорӣ) ғайр аз пахта, ки 10%-ро ташкил медиҳад, ворид мегардад.

Бинобар озод гардидан аз андози ягона ҳавасмандии хоҷагиҳо баланд гардида, онҳо истеҳсоли маҳсулотҳоро, аз ҷумла пахта -44827,5, ғалла -15090, картошка -33000, сабзавот -32625 тонна расонида, дар ҳолати 80 дар сади онро фурӯхтан, мутаносибан 179310, 24144, 39600 ва 39150 ҳазор сомонӣ даромади пулӣ мегиранд. Аз ҳисоби даромади зикргардида пахта 17931 (179310 х 10% : 100), ғалла -724,32 (24144 х 3% :100), картошка -1188 (39600 х 3% : 100) ва сабзавот -1174,50 (39150 х 3% : 100) дар маҷмӯъ аз ҳисоби фурӯши чакана ба буҷаи ҷумҳурӣ 21017,82 ҳазор сомонӣ ворид

мегардад, ки он 2 млн. 554,3 ҳазор сомонии аз ҳисоби андози ягона озод гардидаро мепӯшонад.

Фурӯши чаканаи маҳсулот аз ҳисоби 80 фоизи он чунин ба назар мерасад.

| Намуди маҳсулот | Истеҳсоли маҳсулот тонна | Фурӯхта мешавад, тонна | Маблағ аз фурӯши маҳсулот ҳаз. сомонӣ | Андоз аз фурӯши чакана, ҳаз. сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| Пахта | 44827,5 | 35862 | 179310 | 17931 |
| Ғалла | 15090 | 12072 | 24144 | 724,32 |
| Картошка | 33000 | 26400 | 39600 | 1188 |
| Сабзавот | 32625 | 26100 | 39150 | 1174,50 |
| **Ҳамагӣ** | | | **282204** | **21017,82** |

Мутобиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи хоҷагиҳои зотпарварӣ 57 адад заводҳо, хоҷагиҳо ва фермаҳои зотпарварӣ, аз ҷумла оид ба парвариши чорвои калон 24 хоҷагӣ, қутоспарварӣ-4, гӯсфандпарварӣ-18, бузпарварӣ-3, аспparварӣ 2 хоҷагӣ, паррандапарварӣ 2 хоҷагӣ, моҳипарварӣ 2 хоҷагӣ ва занбӯрпарварӣ 2 хоҷагӣ фаъолият доранд.

Тибқи маълумотҳо дар ин хоҷагиҳо чорвои калон-13800 сар, қутос-1400, гӯсфанду буз зиёда аз 200000, асп-1065, парранда-137800, моҳиҳои зотию такмилӣ-25160 адад ва 2280 оилаи занбӯри асал парвариш карда мешавад. Дар ин хоҷагиҳо ҳамасола 3370 тонна гӯшт ва 11400 тонна шир истеҳсол карда мешавад.

Ба ҳисоби миёна хоҷагиҳои зотпарварӣ соле то 14 млн. 400 ҳазор сомонӣ андози ягона месупоранд. Ягона манбаи асосии пардохти маблағи андоз фурӯши чорвои зотӣ мебошад. Бо ин мақсад хоҷагиҳои зотпарварӣ ба ҳисоби миёна соле 800-900 сар чорвои калон, 8000-9000 сар гӯсфанду буз ва 100 сар асп ба фурӯш мебароранд.

Дар баробари аз андози ягона озод намудани хоҷагиҳои зотпарварӣ саршумор ба ҳисоби миёна 12,5 фоиз афзуда, ЧКШ - 15525, қутос – 1575, гӯсфанду буз-225000, асп -1199 ва парранда-155025 сар, моҳиҳои зотию такмилӣ-28305 адад, занбӯри асал-2565 оиларо ташкил дода, ҳамасола истеҳсоли гӯшт -4542 тонна (ЧКШ - 3105 сар х 350 кг = 1087 тонн; қутос -315 сар х 700 кг = 221 тонна; ЧМШ -45000 сар х 70 кг = 3150 тонн; асп -240 сар х 350 кг =84 тонн;) ва шир 18630 тонн (12420 сар (80%) х 1500 кг) расонида мешавад. Гӯштро хоҷагиҳо ба ҳисоби миёна 25 ва ширро – 2,5 сомонӣ ба фурӯш мебароранд, ки дар ин ҳолат онҳо мутаносибан 113550 (4542 тонн х 25) ва 46579 (18630 х 2,5) ҳазор сомонӣ ба даст меоранд.

Хоҷагиҳо ҳамсола андоз аз фурӯши чакана дар ҳаҷми 3 фоизи нархҳои озод (бозорӣ) месупоранд, ки дар ин ҳолат онҳо аз ҳисоби 160125 (113550 х 46575) ҳазор сомонӣ 4803,8 ҳазор сомонӣ (160125 х 3% : 100) пардохт менамоянд.

Ҳамин тавр ҳамасола ба андозаи 12,5 фоиз зиёд гардонидани саршумори чорвои зотӣ дар хоҷагиҳои зотпарвар ба беҳтар гардидани зоти чорво дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ва дар ин замина ҳамасола зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот шароити мусоид фароҳам гардида, марҳила ба марҳила дар давоми 2-3 сол хоҷагиҳо метавонанд он маблағеро, ки аз ҳисоби андози ягона насупоридааст ба буҷет барқарор кунад.

**Банди 3 моддаи 314 хориҷ карда шавад.**

Дар лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав имтиёзи 50 фоиза аз андози ягона барои истеҳсолкунандагони пахта пешбини нагардидааст, ки ин қобили қабул мебошад. Қаблан хоҷагиҳои пахтакор барои заминҳои ба истеҳсоли пахта банд буда 50 %, яъне ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ба 1 гектар 70,72 сомонӣ ба маблағи умумии 14,8 млн. сомонӣ (209300 га х 70,72 сомонӣ) андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ пардохт менамуданд. Тибқи лоиҳаи зикргардида он ба 1 гектар 141,44 сомонӣ ва дар маҷмӯъ 29,6 млн. сомониро (209300 га х 141,44 сомонӣ) ташкил медиҳад.

**Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки 50 дар сади маблағҳои аз ин ҳисоб пайдошуда барои таъминоти хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ ба воситаи сохторҳои марбутаи ба ин кор масъул (лизинг) равона карда шаванд.**

**Содда, оммафаҳм ва ҳаҷман хурд намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботи андоз.**

Бояд зикр намуд, ки хоҷагиҳои кишоварзӣ дар баробари дигар шаклҳои хоҷагидорӣ ҳар сол дар давоми соли хоҷагӣ оид ба фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва ӯҳдадорияшон, ба нозироти андоз, мақомоти омор, фонди ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳаҷми зиёда аз 23 саҳифа ҳисобот, маълумот ва эъломияҳо пешниҳод менамоянд, ки доираи фарогирии онҳо ҳаҷман зиёд ва мушкилфаҳм буда, аз хоҷагидорон ҷиҳати омода намудани онҳо сарфаи зиёди вақтро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, ба мақсади сарфаю сариштакорӣ оид ба омода ва пешниҳод намудани ҳисоботҳо, маълумотҳо ва эъломияҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ новобаста аз шакли моликияташон, гузаштан ба шакли оддӣ, содда, оммафаҳм ва ҳаҷман хурди ҳуҷҷатгузориро, ки бисёр мушкилиҳои хоҷагидориро дар ин самт осон мегардонад бо дарназардошти пешниҳодҳои худи хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷорӣ карда

шавад (замима мегардад).

Дар охир ҳаминро бояд қайд намуд, ки пешниҳодҳои зикргардида бо дарназардошти фароҳам овардани сабукӣ бо мақсади рушди истеҳсолоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳавасманд намудани кишоварзон ҷиҳати беҳтар намудани сифат ва маҳсулнокии чорво, таҳия гардида дар маҷмӯъ он имтиёзу дастгириҳое, ки нисбати соҳа дода мешавад бо афзун гардидани истеҳсоли маҳсулот, ба буҷаи ҷумҳурӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо барзиёд маблағ ворид гардида, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дар ҷумҳурӣ қабулшуда ба мисли Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Барномаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 мусоидат менамояд.

**Вазир** **Қ.Қосимов**